Вобаста ба ин масъала А.Б. Венгеров тарбияи ҳуқуқиро тадқиқ намуда, ифроз менамояд, ки бо омӯхтани ҳуқуқ аз байн рабудани ҳуқуқвайронкунӣ ғайриимкон ва хаёли хом аст [5, с. 573]. Ба ақидаи Ш.К. Ҳасанов, решакан намудани унсурҳои ҷиноятпеша дар ҷомеа на ҳамеша аз ҷараёни муташаккили тарбияи ҳуқуқӣ вобаста аст. Инчунин, ӯ қайд менамояд, ки дар ҳаёт ҳолатҳое рӯй медиҳанд, ки кормандони ҳифзи ҳуқуқ, яъне ашхосе, ки мутааллиқи шуури ҳуқуқии касбӣ, соҳиби донишҳои махсуси ҳуқуқӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти амалии ҳуқуқӣ унсурҳои он доимо сайқал меёбад, даст ба ҷиноят мезананд. Новобаста аз масоили болозикр, Ш.К. Ҳасанов дар идомаи кори худ тарбияи ҳуқуқиро воситаи таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ арзёбӣ менамояд [11, с. 34]. Аз ин рӯ, метавон зикр намуд, ки тарбия ва таълими ҳуқуқӣ метавонад натиҷаҳои заруриро дар бартарафсозии ақидаҳои инкоркунии ҳуқуқӣ ба миён орад. Ҷой доштани нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ бошад ин аз камбудиҳои ҷараёни тарбия ва таълими ҳуқуқӣ, хусусиятҳои руҳӣ ва ё муҳити иҷтимоии онҳо вобаста мебошад.

Муҳаққиқи ватанӣ Э.С. Насурддинов дар он андеша аст, ки ҷой доштани нигилизми ҳуқуқӣ мушкилот дар ташаккули шуури касбии ҳуқуқшиносон, тахассуси нокофии судяҳо, мушкилоти кадрӣ дар мақомоти судӣ, сатҳи нокифояи маҳорати техникии судҳо ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, коррупсия дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, бюрократизм ва сӯистифода аз қонун ва мақоми хизматӣ сатҳи пасти маърифати ҳуқуқиро нишон медиҳанд ва мутаносибан ин камбудиҳо дар тарбия ва таълими ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад [7, с. 274].

Маҳз бо мақсади бартараф намудани мушкилоти болозикр бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019, таҳти № 599 Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030 қабул гардидааст. Яке аз мақсадҳои асосии Барномаи

мазкур ин баланд бардоштани таълим ва тарбияи ҳуқуқии ...хизматчиёни давлатӣ мебошад [3]. Чунин тадбирандеши идома дошта, дар асоси Барномаи ислоҳоти милитсия, ки барои солҳои 2021-2025 роҳандозӣ гардидааст, яке аз ҳадафҳои асосии он ин баланд бардоштани донишҳои ҳуқуқии корманди милитсия мебошад. Аз ҷумла, баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва малакаи касбии ҳайати шахсӣ тавассути ҷорӣ намудани низоми муосири таълим, ки ба зиёд намудани дарсҳои амалӣ нигаронида мешавад муайян гардидааст [4].

Замони муосир дар самти татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ баробари тарбияи ҳуқуқӣ ва донишҳои ҳуқуқӣ барои кормандони мақомоти корҳои дохилӣ доштани як қатор сифатҳои дигар, ба монанди поквиҷдонӣ, тафаккури солим, сифатҳои ахлоқӣ, одоби касбӣ, хушмуомилагӣ, таҳаммулпазирӣ ва ҷоҳонбинӣ муҳим мебошанд.

Риоя нагардидани талаботи қонунгузорӣ аз ҷониби кормандони мақомоти корҳои дохилӣ на танҳо дар татбиқи қонун ва бовариву эътимоди шаҳрвандон ба давлат ва мақомоти он таъсири манфӣ мерасонад, балки фазои нигилизми ҳуқуқиро дар байни ин ниҳод бозҳам дучанд мегардонад.

Р.Ш. Сотиволдиев дуруст иброз менамояд, ки қабули қарорҳои ғайриқонунӣ ва ноодилона аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ аз сатҳи пасти шуури ҳуқуқии касбии онҳо шаҳодат медиҳад [9, с. 72]. Дар воқеъ, чунин ҳам ҳаст, ки новобаста аз тадбирҳои андешидашуда, чорабиниҳои огоҳонӣ, корҳои профилактикӣ ва пешгирикунанда, ки солҳои охир дар раванди барномаву стратегияҳои давлатӣ бахусус барномаи ислоҳоти милитсия роҳандозӣ гардида истодааст, вале то ба ҳол дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилӣ содиршавии ҳуқуқвайронкуни бахусус ҷиноят ташвишовар боқӣ мондааст.

Масалан, дар 12 моҳи соли 2021 аз ҷониби 75 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбии Қушунҳои дохилӣ 71 ҷиноят содир шудааст. Ҳамчунин, дар 12 моҳи соли 2021, 208 ҳолати содиршавии ҷиноят пешгирӣ гардида, 196 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба ҷазоҳои гуногуни интизомӣ ҷалб карда шудаанд. Дар баробари ин, дар 12 моҳи соли 2021 51 ҳолати аз қайд пинҳон намудани ҷиноят, 24 ҳодисаҳои роҳу нақлиёт бо иштироки кормандони мақомоти корҳои дохилӣ содир шудааст. Инчунин, дар 12 моҳи соли 2021 нисбати 91 нафар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ҷазои интизомӣ вобаста ба қонуншиканӣ татбиқ карда шудаанд. Ҳамчунин, дар соли 2021 1502 арзу шикоятҳои шаҳрвандон нисбати кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мавриди баррасӣ ва санҷиш қарор дода шуда, нисбати ҳар як ҳолати он чораҳои дахлдори қонунӣ андешида шудааст [12].

М.Р. Рустамзода дуруст иброз менамояд, ки нигилизми ҳуқуқӣ дар байни кормандони дастгоҳи давлатӣ ҷанбаи маънавӣ ва психологии мушкилоти мавҷудбударо ташкил медиҳад, он ба вазъи қонуният таъсири манфии зиёд мерасонад… ва афзоиши амалҳои ғайриқонунии хизматчиёни давлатиро муайян мекунад. Мақомот ва шахсони мансабдори давлатӣ, ки ҳуқуқвайронкунӣ ва ҳатто ҷиноят содир мекунанд, на танҳо қонунҳои мавҷударо вайрон мекунанд, балки бо амалҳои худ фазои муайяни таҳдидро барои тамоми низоми ҳуқуқии давлатӣ фароҳам меоранд [8, с. 94].

Чихеле ки дар боло зикр намудем, нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ нисбат ба нигилизми ҳуқуқии шаҳрвандон хатарнок буда, пайомадҳои он на танҳо дар татбиқи самаранокии қонун, волоияти қонун ва қонуният таъсир мерасонад, балки бовариву эътимоди шаҳрвандонро ба сиёсати давлатӣ дар самти бунёди давлати демокративу ҳуқуқбунёд ва фаъолияти мақомоти давлатӣ коста мегардонад. Аз таҳлилҳои болозикр хулоса намуда, метавон чунин пайомадҳои нигилизми ҳуқуқии

кормандони мақомоти корҳои дохилиро иброз намуд:

- нигилизми ҳуқуқӣ боиси коста гардидани риояи принсипи қонуният, шуури ҳуқуқӣ ва маданияти ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ мегардад;

- ноумедӣ ва нобоварии шаҳрвандонро ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ ба вуҷуд меорад;

- нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба самаранокии амалигардии функсияҳои давлат таъсири манфӣ мерасонад;

- нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ боиси он мегардад, ки қарорҳои баровардаи масъулин қалбакӣ ва беасос гарданд;

- нигилизми ҳуқуқӣ сабаби даст задани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ба амалҳои зиддиҳуқуқӣ гардида, боиси содир намудани ҷиноят ба монандӣ амалҳои коррупсионӣ, шиканҷа ва ғайра мегардад.

Ҳамин тариқ, мебояд зикр намуд, ки нигилизми ҳуқуқии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ падидаи манфӣ буда, ба амалӣ гардидани функсияҳои давлат монеа эҷод менамояд.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Абдуджалилов, А. О правовом нигилизме // [Электронный ресурс]. – Режим доступа: proza.ru (дата обращения: 05.04.2021 г.).

2. Баранов, П.П. Профессиональное правосознание работников органов внутренних дел, теоретические и социологические аспекты: дисс. докт. юрид. наук: 12.00.01 Э Павел Петрович Баранов. – М., 1992. – 460 с.

3. Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми ноябри соли 2019, № 599 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи муроҷиат 11.09.2021).

4. Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1-уми июни соли 2021, № 211 тасдиқ шудааст // [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/base/ (санаи муроҷиат 18.02.2021).

5. Венгеров, А.Б. Теория государства и права: учебник / А.Б. Венгеров. – М.: ОМЕГА-Л, 2006. – 595 с.

6. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми феврали соли 2018, таҳти №1005 тасдиқ шудааст // Адлия (бонки марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон). – Шакли 7.0.

7. Насурдинов, Э.С. Формирование правовой культуры в Республике Таджикистан в условиях углубления культурно-цивилизационных различий: проблемы теории и практики: дис… док. юрид. наук: 12.00.01. / Эмом Сайфудинович Насурдинов. – Душанбе, 2014. – 432 с.

8. Рустамзода, М.Р. Проблемы укрепления законности в Республике Таджикистан. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Мухаммадали Рустам Рустамзода. – Душанбе, 2019. - 176 с.

9. Сотиволдиев, Р.Ш. Формирование профессионального правосознания сотрудников правоохранительных органов // Труды Академии МВД Республики Таджикистан / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе, 2020. - №2 (46). - С. 70-80.

10.Тохиров, Ф.Т. Актуальные проблемы истории и теории государства и права в условиях государственной независимости Республики Таджикистан / Ф.Т. Тохиров. – Душанбе: Дониш, 2009. – 369 с.

11. Ҳасанов, Ш.К. Тарбияи ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳимми пешрафти ҷомеаи ҳуқуқбунёди Тоҷикистон: (рукнҳои азнавсозӣ ва барқароргардии шуури ҳуқуқии маҳкумшудагон) / Ш.К. Ҳасанов. – Душанбе: «Шуҷоиён», 2011. - 242 с.

12. Шарҳ вобаста ба вазъи риояи қонуният ва ҳолатҳои содиршавии ҷиноят дар байни ҳайати шахсии мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 // Маҷмуаи маводи таҳлилӣ ва иттилоотӣ. – Душанбе, 2022. – 132 с.

**References**

1. Abdujalilov, A. On legal nihilism // [Electronic resource]. – Access mode: proza.ru (date of access: 04/05/2021).

2. Baranov, P.P. Professional legal consciousness of employees of internal affairs bodies, theoretical and sociological aspects: diss. doc. legal Sciences: 12.00.01 E Pavel Petrovich Baranov. - M., 1992. - 460 p.

3. The program of legal education and training of citizens of the Republic of Tajikistan for the years 2020-2030, approved by the Government of the Republic of Tajikistan Resolution of November 27, 2019, No. 599 // [Electronic source]: Access mode: http://www.adlia. tj/base/ (date of application 11.09.2021).

4. The police reform program for the years 2021-2025, approved by the Resolution of the Government of the Republic of Tajikistan dated June 1, 2021, No. 211 // [Electronic source]: Access mode: http://www.adlia.tj/base/ (application date 18.02.2021).

5. Vengerov, A.B. Theory of state and law: textbook / A.B. Vengerov. – M.: OMEGA-L, 2006. – 595 p.

6. Concept of the legal policy of the Republic of Tajikistan for the years 2018-2028, approved by the order of the President of the Republic of Tajikistan dated February 6, 2018, No. 1005 // Justice (centralized legal information bank of the Republic of Tajikistan). – Form 7.0.

7. Nasurdinov E.S. Formation of legal culture in the Republic of Tajikistan in the context of deepening cultural and civilizational differences: problems of theory and practice: diss ... doc. legal Sciences: 12.00.01. / Emom Sayfudinovich Nasurdinov. - Dushanbe, 2014. - 432 p.

8. Rustamzoda, M.R. Problems of strengthening the rule of law in the Republic of Tajikistan. diss. ... cand. legal Sciences: 12.00.01 / Muhammadali Rustam Rustamzoda. - Dushanbe, 2019. - 176 p.

9. Sotivoldiev, R.Sh. Formation of professional legal awareness of law enforcement officers // Proceedings of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan / R.Sh. Sotivoldiev. - Dushanbe, 2020. - No. 2 (46). - P. 70-80.

10. Tokhirov, F.T. Actual problems of the history and theory of state and law in the conditions of state independence of the Republic of Tajikistan / F.T. Tokhirov. - Dushanbe: Donish, 2009. - 369 p.

11. Hasanov, Sh.K. Legal education as an important factor in the development of the legal society of Tajikistan: (pillars of reconstruction and restoration of the legal consciousness of the convicted) / Sh.K. Hasanov. - Dushanbe: "Shujaiyan", 2011. - 242 p.

12. Comment on the state of compliance with the law and cases of crime among the personnel of the internal affairs authorities of the Republic of Tajikistan in 2021 // Collection of analytical and informational materials. - Dushanbe, 2022. - 132 p.

**ТДУ 343.148.5 (575.3)**

# ИСТИМОР ҲАМЧУН МАҚСАДИ САВДОИ КӮДАКОН

# ЭКСПЛУАТАЦИЯ КАК ЦЕЛЬ ТОРГОВЛИ ДЕТЬМИ

# EXPLOITATION AS THE GOAL OF CHILD TRAFFICKING

Сафарзода А.И.
Safarzoda A.I.
*Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор*
*Профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета, доктор юридических наук, профессор*
*Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption of the Law Faculty of the Tajik National University, Doctor of Law, Professor*



E-mail: anvar_safarov85@mail.ru

Давлатзода Г.Ш.
Davlatzoda G.Sh.
*Унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгҳи миллии Тоҷикистон*
*Соискатель кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета*
*Competitor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption of the Faculty of Law of the Tajik National University*



E-mail: anvar_safarov85@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.
*Научная специальность:* 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право.
*Scientific specialty:* 12.00.08 - criminal law and criminology; penal law.

*Тақриздиҳанда:* Раҳмонзода М.Ҷ. – мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.
*Рецензент:* Рахмонзода М.Дж. – заведущий кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета Таджикского национального университета, кандидат юридических наук.
*Reviewer:* RAHMONZODA M.J. - Head of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption of the Faculty of Law of the Tajik National University, candidate of legal sciences.

*Аннотатсия*: Мақола ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ - истимор ҳамчун мақсади савдои кӯдакон, бахшида шудааст. Дар асоси омӯзиши адабиёти илмии соҳа, сомонаҳои расмии ташкилотҳо ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили мазкур зери таҳлилу баррасӣ қарор дода шуд. Диққати асосӣ ба чунин намудҳои истисмори қурбонии савдои кӯдакон: истисмори шаҳвонӣ ва меҳнатӣ, савдои кӯдакон бо

мақсади фарзандхондии ғайриқонунӣ, хатарҳои эҳтимолии марбут ба рушди трансплантатсия ва ғайра дода шудааст.

*Вожаҳои калидӣ*: кӯдак, савдои кӯдак, истисмор, ғуломӣ, фарзандхонди ғайриқонунӣ, истисмори меҳнатӣ, истисмори шаҳвонӣ, трансплантатсия, ҳуқуқи инсон.

*Аннотация*: Статья посвящена одной из актуальных проблем уголовного права - эксплуатации как цели торговли детьми. Проведен анализ данной проблемы, основанный на изучении научной литературы, официальных интернет-источников и действующего законодательства Республики Таджикистан. Основное внимание уделяется таким видам эксплуатации торговли детьми, как сексуальной и трудовой эксплуатации, торговли детьми с целью незаконного усыновления, потенциальным рискам, связанным с трансплантции органов и др.

*Ключевые слова:* ребенок, торговля детьми, эксплуатация, рабство, незаконное усыновление, трудовая эксплуатация, сексуальная эксплуатация, трансплантация, права человека.

*Annotation*: The article is devoted to one of the topical problems of criminal law - exploitation as the goal of child trafficking. A thorough analysis of this problem was carried out, based on the study of scientific literature, official Internet sources and the current legislation of the Republic of Tajikistan. The main attention is paid to such types of exploitation of child trafficking as sexual and labor exploitation, child trafficking for the purpose of illegal adoption, potential risks associated with organ transplantation, etc.

*Key words:* child, child trafficking, exploitation, slavery, illegal adoption, labor exploitation, sexual exploitation, transplantation, human rights.

Дар ҷаҳони имрӯза, дар баробари ҷиноятҳои муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, силоҳ, терроризму эстремизм ва дигар таҳдидҳои геополитикӣ, ҷинояти савдои кӯдакон низ мушкилоти нигаронкунанда мебошад. Масъалаҳои марбут ба савдои кӯдакон дар шароити имрӯза таҳти таваҷҷуҳи ҷиддии ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дорад, зеро он ҳамчун зуҳуроти манфӣ ба паҳлуҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи инсонӣ зарари ҷубронnопазир мерасонад. Гурӯҳҳо ва ташкилотҳои муташаккили ҷиноятӣ бо мақсади роҳандозии ҳадафҳои ҷинояткорона ба савдои кӯдакон даст зада, нафарони зиёдро бо ҳавасмандкунии молиявӣ, моддӣ, хизматрасониҳо, ҷойи кори беҳтар, музди меҳнати баландтар ва ғайра дар давлатҳои хориҷӣ фирефта карда, ҳадафҳои нопоки худро амалӣ менамоянд.

Аслан кӯдакон бо мақсади истисмор харидорӣ карда мешаванд. Зери мафҳуми истисмор ин водор кардани нафаре ба фоҳишагӣ ва дигар намудҳои истисмори шаҳвонӣ, ба кор ва ё хизматрасонии маҷбурӣ, ба ғуломӣ ва иҷрои анъанаҳое, ки ба ғуломӣ монанд аст, нигаҳдории нафаре дар вазъи ноозод ва берун овардани аъзои бадани нафаре фаҳмида мешавад. Дар “Фарҳанги забони тоҷикӣ” зери мафҳуми “истисмор” фоида бурдан аз маҳсули меҳнати каси дигар аз тарафи касоне, ки воситаҳои истеҳсолотро дар даст доранд, аз худ карда шудани маҳсулоти меҳнати дигарон, омадааст. Истисмор кардан бошад, аз дастранҷи касе баҳра бурдан, касеро ба нафъи худ иҷборан ба кор водоштан [1, с. 586].

Истимор ин меҳнатӣ ё хизмати маҷбурӣ, ғуломӣ ё расму оини ба ғуломӣ монанд мебошад. Инчунин, дар дигар ҷо оварда шудааст, ки истисмор - меҳнати ё хизмати маҷбурӣ, ғуломӣ ё расму оини ба ғуломӣ монанд, ҳолати оҷизӣ ё бурида гирифтани узвҳо ва (ё) бофтаҳои одам, истифодаи фоҳишагарии дигар шахсон, инчунин дигар шаклҳои истифодабарии шахс бо мақсади анҷом додани амалиёти дорои хусусияти шаҳвонӣ [2, с. 25].

Вобаста ба ин метавон чунин намудҳои истисморро номбар кард:

1. *Истисмори меҳнатӣ*. Дар ин ҳолат кӯдаконро маҷбур месозанд, ки дар киштзорҳо, шахтаҳо ва дигар ҷойҳои шароитҳои меҳнатиашон зарарноку хатарнок, аз қабили кор бо моддаҳои

кимиёвӣ, истифодаи таҷҳизоти хатарнок ва ғайра, кор кунанд. Дар кишвари таъиншуда кӯдакон аксар вақт аз ҷаҳони беруна ҷудо нигоҳ дошта мешаванд, инчунин онҳо метарсанд, ки ба мақомот дар бораи шароити зарарноки меҳнате, ки дар он маҷбуран кор фармуда мешаванд, нақл кунанд. Яъне, дар чунин ҳолат қурбонии савдои кӯдакон мисли ғулом ё одатҳои ба он монанд истифода бурда мешавад. Ғуломӣ - ҳолат ё вазъи беҳуқуқии шахсе, ки нисбат ба вай баъзе ё тамоми салоҳияти ба ҳуқуқи моликият хосбуда татбиқ карда мешавад [2, с. 25].

2. *Хонакор*. Волидайн ва кӯдак аксар вақт бо умеди таҳсил ё кори беҳтар фирефта шуда, ба доми ҷинояткорон афтода розӣ мешаванд, ки фарзандашон берун аз ҷойи зист ва ҳатто аз давлати худ бурда шаванд. Ҳангоми дар ҷои лозима расидан истисморгарон ҳуҷҷатҳои кӯдаконро мегиранд ва онҳо худро дигар дар хатар эҳсос карда, маҷбуран дар ҳоҷагиҳо кор мекунанд. Зеро онҳо дар бобати бехатарӣ, хӯрок ва манзил комилан ба истисморгарон вобаста буда, дар шароити душвор ҳам бошад, кор мекунанд. Дар аксари ҳолат қурбонии савдои кӯдакон дар муҳити барояшон бегона, кишвари бегона ва ё шаҳри бегона, дар иҳотаи одамоне ҳастанд, ки ба онҳо зулм мекунанд ва хушунат мерасонанд. Аз ин рӯ, ин қурбониҳо ба осонӣ ба дигарон эътимод баста наметавонанд. Онҳо аз мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ меҳаросанд, тарс аз ҷинояткор дар мағзи баданашон хуфтааст, зарбу лат ва хушунат мебинанд, зери фишори равонӣ ва таҳдид умр ба сар мебаранд. Асабоният, нобоварӣ, ноумедӣ ёри ҳамешагияшон дар ғуломист. Тибқи ахбори Созмони байналмилалии меҳнат, аксарияти ноболиғони хонакорро духтарон ташкил медиҳанд [3].

3. *Истисмори шаҳвонӣ*. Ин беандоза истифода бурдани ҷабрдида ба сифати объекти қонеъ гардонидани талаботҳои шаҳвонӣ мебошад, ки ҷабрдида бо сабабҳои аз ӯ вобастанабуда аз ба ҷо овардани чунин хизматрасониҳо саркашӣ карда наметавонад. Дар ин ҳолат кӯдакони қурбонии савдои одамон шуда, бахусус духтаронро ҳамчун фоҳиша дар фоҳишахонаҳо, массажхонаҳо, дар кӯчаву клубҳо ва филмҳои порнографӣ истифода мебаранд. Мутобиқи ахбори Созмони байналмилалии меҳнат, дар соли 2000 1,8 миллион кӯдак дар соҳаи тиҷорати ҷинсӣ (шаҳвонӣ) дар шароити вазнин мавриди истисмори шаҳвонӣ, таҷовуз ва дигар ҳаракатҳои хусусияти шаҳвонӣ аз ҷониби ҷиноткорони савдои кӯдакон, мизоҷон, занҷалобҳо ва даллаҳо қарор гирифтаанд [4].

Солҳои охир ҳолатҳои савдои кӯдакон бо мақсади истифодаи онҳо дар тиҷорати порнографӣ васеъ паҳн гаштааст, ки дастовардҳои онҳо дар кишварҳои пешрафта (Нидерланд, Белгия, Австрия, Олмон, Швейтсария, ИМА, Италия, Исроил, Юнон, Туркия) муваффақияти назаррас доранд. Аксар вақт ҳолатҳо ва саҳнаҳои хусусияти ҷинсӣ ва зӯроварӣ бо кӯдакони 3-5 сола ва баъзан бо навзодон ба назар мерасанд, дар ҳоле ки кӯдакон аз кишварҳои дорои сатҳи пасти рушди иҷтимоию иқтисодӣ (Чин, Тайланд, Россия, Украина, кишварҳои Балтика, Осиёи Миёна ва ғайра) ба объектҳои озори ҷинсӣ мубаддал мешаванд.

Кӯдакон инчунин ҳамчун ашёи зинда барои танфурӯшӣ истифода мешаванд. Таъминкунандагони кӯдакон барои ин тиҷорат кишварҳои Осиё ва Африқо мебошанд, дар ҳоле ки истеъмолкунандагон монанди Аврупо, ИМА, Зеландияи Нав ва Аморати Муттаҳидаи Араб мебошанд. Россия ҳам таъминкунандаи кӯдакон дар ин бозор ва ҳам истеъмолкунандаи хидматҳои онҳост. Тибқи омори мавҷуда дар Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ба танфурӯшии тақрибан 1 миллион, дар Ҳиндустон аз 1,5 то 2 миллион, дар ИМА тақрибан 100.000 ва дар Амрикои лотинӣ 500.000 кӯдакон машғуланд. Туризми ҷинсӣ низ рушд мекунад, зеро маҳз ҳамин кишварҳои провайдер ба амалҳои ғайриқонунӣ роҳ медиҳанд ва беҷазо мераванд.

4. *Ҷалбкунӣ ба сохторҳои мусаллаҳ*. Дар баъзе сарчашмаҳо оварда шудааст, ки кӯдакон дар беш аз 30 даргириҳои низомии солҳои охир тақрибан дар ҳама

минтақаҳои ҷаҳон ҳамчун сарбоз истифода шудаанд [5]. Баъзе аз кӯдакон худашон бинобар камбағалӣ ва ё муносибати бади аъзои оила нисбати онҳо ба гурӯҳҳои мусаллаҳ шомил мешаванд, баъзе дигар ба таври иҷборӣ ё рабуда ба сафи ин гурӯҳҳо ҷалб мешаванд. Ҳангоми задухӯрдҳои мусаллаҳона кӯдаконро бо мақсадҳои гуногун, аз ҷумла ба ҳайси хабарчӣ, муҳофиз (дарбон), ошпаз, анҷоми хизматрасониҳои шаҳвонӣ ҳамчун "зан" ё ҳамчун ҷанговар (сарбоз) дар амалиётҳои гуногуни ҳарбӣ истифода мебаранд. Махсусан, ба ин категорияҳои кӯдакон онҳое, ки аз оилаҳои камбизоатанд ё танҳо зиндагӣ мекунанд, онҳое, ки аз маҳалли зисти худ дуранд ё дар минтақаҳои мунокишаҳои ҳарбӣ зиндагӣ мекунанд, имконияти гирифтани таҳсилотро надоранд, ё падару модари худро аз даст додаанд, осебпазир мебошанд.

Сарбозони кӯдак аксар вақт кушта ё захмӣ мешаванд, наҷотёфтагон аксар вақт ба осеби ҷисмонӣ ва равонии гуногун гирифтор мешаванд. Шахсияти онҳо аксар вақт ба таври доимӣ осеб мебинад. Аскарбачаҳои бозгаштаро аксар вақт ба хонаҳояшон хуш қабул намекунанд. Ин падида аз он сабаб паҳн шудааст, ки музди меҳнати кӯдакон нисбат ба хизматчиёни ҳарбии оддӣ камтар аст; истифода ва идораи онҳо дар амалиёти ҷангӣ осонтар аст; онҳо ба фармондеҳони болиғи худ таҳдид намекунанд; сарбозони кӯдак метавонанд барои душман вазъияти интихоби ахлоқӣ ба вуҷуд оранд; кӯдакон ба осонӣ дар корҳои дигари ғайриқонунӣ, аз қабили қочоқи маводи нашъадор, ё ҳамчун ғуломи ҷинсӣ истифода мешаванд; онҳо метавонанд норасоии сарбозони калонсолро ҷуброн кунанд (алахусус дар мунокишаҳои тӯлонии мусаллаҳона).

5. *Издивоҷ.* Яъне қурбонии савдои кӯдакро маҷбуран бо нафари дигар оиладор мекунанд. Дар матбуот доир ба ин ҳолат сабабҳои зиёд оварда мешаванд. Хусусан дар оилаҳои қамбағал, аксар вақт духтар ҳамчун як бори гарон буда, издивоҷи ӯ бо шахси калонсол ҳамчун роҳи зинда мондани дигар аъзои оила ҳисобида мешавад. Тибқи таҳлили мутахассисон, сол то сол дар байни мардҳои солхӯрда талабот ба духтарҳои ноболиғи бокира афзоиш меёбад, бахусус дар минтақаҳое, ки мардум аз гирифтор шудан ба бемории ВИЧ СПИД метарсанд ва хатари сироятёбӣ воқеан дар он ҷо зиёд мебошанд. Масалан, дар ахбори Созмони байналмилалии меҳнат оварда шудааст, ки дар кишварҳои Африқои марказӣ ва ғарбӣ баъзан хешовандон духтаронро ба издивоҷи бармаҳал ташвиқ мекунанд ва иштибоҳан чунин меҳисобанд, ки ин онҳоро аз сироятёбӣ ба бемории ВИЧ СПИД ҳимоят мекунад [6].

6. *Фарзандхонди ғайриқонунӣ.* Афзоиши талабот ба фарзандхонӣ ба густариши ҷинояти савдои кӯдакони навзод ва ё хурдсол мусоидат мекунад. Ин одатан бо мақсадҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешавад, ки бо санади махсуси ҳуқуқии қабули кӯдаки ноболиғ ба оила ҳамчун писар (духтар) барои истифодаи навбатии худ ҳангоми гадоӣ, қимор ва инчунин барои бастани шартномаҳои минбаъдаи хариду фурӯш, мубодила ва дигар, ки ба интиқоли воқеии моликият марбутанд. Баъзан вақт дар оинаи нилгул, хусусан ҳолати имрӯзаи Ҷумҳурии Исломии Афғонистонро нишон медиҳанд, ки модарон бинобар мушкилоти зиндагӣ фарзандони хурдсоли худро мефурӯшанд, дар дигар мавридҳо аз ҷониби ҷинояткорон кӯдаки навзод рабуда шуда, ба модарон мегӯянд, ки кӯдак мурда таваллуд шудааст.

Инчунин, вақтҳои охир дар ВАО дар бораи ҳолатҳои фарзандхонӣ аз ҷониби хориҷиён, хусусан фарзандони рус, барои истифодаи онҳо ба манфиатҳои тиҷоратӣ маълумоти бештар ба даст меоянд, зеро дар Федератсияи Россия тартиби соддакардашудаи фарзандхонӣ мавҷуд аст.

7. *Иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ.* Кӯдакон, бахусус писарбачаҳо бо мақсади ҳамчун савора ширкат кардан дар пойгаи шутур қурбонии савдои кӯдакон мегарданд. Ин намуди варзиш фоидаи калони пулӣ меорад ва махсусан истифодаи кӯдакон аз сабаби

сабуквазнии онҳо муфид мебошад. Варзиши пойгоҳи шутур бениҳоят хатарнок буда, истифодаи кӯдакон ҳамчун савора метавонад боиси ҷароҳати вазнин ё ҳатто марг гардад. Дар сурати мағлуб шудан, соҳибон савора-бачаҳоро ҷазоҳои сангин, аз ҷумла мавриди озори равонӣ ва ҷисмонӣ қарор дода, аз музди меҳнат ва ҳатто ғизо маҳрум мекунанд.

8. *Гадоӣ*. Ҳолатҳое мешавад, ки қурбонии савдои кӯдакро иҷборан дар ҳудуди дигар давлат ба талбандагӣ ё савдои кӯча ҷалб мекунанд. Баъзан ҷинояткорон дидаву дониста ба кӯдакон осеби ҷисмонӣ меоранд, то ба ҳолати онҳо раҳми дигарон омада, бештар маблағ диҳанд.

9. *Гирифтани узвҳо ё бофтаҳои бадан*. Бинобар рушди соҳаи тиб мумкин аст, ки аз як нафар узвҳо ё бофтаҳои баданро гирифта, ба дигар шахс аз нав гузаронида шаванд, ки инро трансплантатсия меноманд. Аз ин хотир, аксар вақт оилаҳои сарватманд барои зинда мондани аъзои оилаи худ узвҳо ё бофтаҳои нафари солимро харидорӣ мекунанд. Барои ин, узвҳо ё бофтаҳои кӯдакон осон мебошад. Коршиносони СММ қайд мекунанд, ки вақтҳои охир ба онҳо дар бораи тиҷорати ғайриқонунии узвҳо ва бофтаҳои кӯдакон гузоришҳои даҳшатбор расидаанд. Узвҳо ва бофтаҳои инсон бо сабабҳои гуногун хариду фурӯш карда мешаванд [7]. Масалан, онҳо метавонанд барои таҳқиқоти генетикӣ, маросимҳои динӣ ё ҷодугарӣ истифода шаванд, аммо онҳо асосан бо мақсади трансплантатсия фурӯхта мешаванд.

Ҳаминро илова бояд кард, ки чунин як падидаи иртиҷоӣ осудагии ҷомеаи Тоҷикистонро низ халалдор намудааст. Чунончи, Департаменти давлатии ИМА дар гузориши солонаи худ (соли 2009) Тоҷикистонро ба «рӯйхати назорати дараҷаи 2-юм» оид ба савдои одамон шомил намудааст. Чунин гузориш гувоҳӣ аз он медиҳад, ки дар Тоҷикистон ҷабрдидагони савдои одамон зиёданд. Мутобиқи ин гузориш Тоҷикистон давлате мебошад, ки дар он занонро ғайриқонунӣ бо мақсади фоҳишагарӣ ба ИМА, Россия, Туркия, Эрон, Ҳиндустон интиқол медиҳанд. Мардон бо мақсади меҳнати маҷбурӣ ба сохтмон, хоҷагии қишлоқ ба Россия ва Қазоқистон оварда мешаванд. Писарон ва духтарон дар дохили ҷумҳурӣ низ объекти бо мақсадҳо ва шаклҳои гуногун мавриди хариду фурӯш қарор гирифтаанд: меҳнати маҷбурӣ, гадоӣ, фоҳишагарӣ ва ғайра [8].

Боз дар дигар гузориши соли 2016 оварда шудааст, ки занҳо ва духтарони тоҷик ба Афғонистон бо ҳадафи ба издивоҷи маҷбурӣ додан қочоқ дода мешаванд, ки метавонад боиси хариду фурӯш бо ҳадафи фаҳши иҷборӣ ё асорати қарзӣ гардад. Кӯдакони тоҷик мавриди хариду фурӯш бо ҳадафи истисмори шаҳвонӣ ва меҳнати иҷборӣ, аз ҷумла мавриди талбандагии иҷборӣ дар дохили Тоҷикистон ва Афғонистон қарор мегиранд. Кӯдакон ва калонсолони тоҷик метавонанд мавриди меҳнати иҷборӣ дар соҳаи кишоварзии Тоҷикистон - асосан дар маъракаи пахтачинӣ қарор гиранд. Дар Тоҷикистон шаҳрвандони Афғонистон ва Бангладеш ба меҳнати иҷборӣ осебпазиранд.

Ҳамин тариқ, савдои кӯдакон, онҳоро аз ҳуқуқи хушбахтонаи кӯдакӣ ва зиндагии пурмаҳсул, ҷолиб ва арзанда маҳрум месозад. Қурбониёни савдои кӯдакон доимо дар ҳолати тарс қарор дошта, дар ҳама марҳилаҳои савдои кӯдакон мавриди лату кӯб, таҳқир, зӯроварӣ ва ғайра қарор мегиранд.

Ҳамаи ин ҳолатҳои боло аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар ҷаҳони муосир савдои кӯдакон ба фаъолияти босуръат рушдёбанда ва фоидаовар табдил ёфтааст, ки таҳти назорати ҷомеаҳои трансмиллии ҷиноятӣ қарор дорад. Имрӯз дар баробари шиддат гирифтани равандҳои ҷаҳонишавӣ, чун замони афзоиши хатарҳои гуногуни умумибашарӣ, аз ҷумла гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, савдои одамон, хусусан кӯдакон ва як қатор дигар ҷараёнҳои халалдоркунандаи осоиштагӣ идома доранд. Дар ин марҳила, гурӯҳҳое фаъоланд, ки тавассути шабакаҳои интернетӣ ва дигар воситаҳо имрӯз низ идеяҳои ҷинояткоронаро бо роҳи фиребтасозӣ дар афкори мардум ҷой

доданӣ мешаванд. Маҳз, дониши баланди сиёсӣ, маърифати ҳуқуқӣ, ҷаҳонбинии васеъ ва огоҳ будан аз равандҳои ҷаҳонӣ, ки дар маҷмуъ зиракии сиёсӣ мебахшад, метавонад хатари ба доми ҳар гуна идеяҳои номатлуб афтоданро коҳиш диҳад.

**Адабиёти истифодашуда**

1. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. Ҷилди 1 / зери таҳрири С. Назарзода ва диг. - Душанбе: Бухоро, 2015. - 996 с.
2. Шарипов, Т.Ш. Муқовимат ба савдои одамон: Воситаи илмӣ-амалӣ / Т.Ш. Шарипов ва диг. – Душабе, 2015. - 256 с.
3. International Labour Organization, A Future Without Child Labour, ILO, 2002.
4. International Labour Organization, International Program on the Elimination of Child Labour (IPEC), Facts on Commercial sexual exploitation of children // [Манбаи Электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.ilo.org/childlabour, February 2005 (санаи муроҷиат: 22.03.2022).
5. United Nations Children’s Fund, Fact Sheet: Protection and Conflict // [Манбаи Электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.unicef.org, February, 2005 (санаи муроҷиат: 22.03.2022).
6. UNAIDS, UNFPA, UNIFEM, Women and HIV/AIDS: Confronting the Crisis, 2004.
7. Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид оид ба ҳуқуқи кӯдак // [Манбаи Электронӣ] – Реҷаи воридшавӣ: www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 22.03.2022).
8. Вазъи риояи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон: дастури методӣ. - Душанбе, 2009. – 135 с.

**References**

1. Interpretation culture of the Tajik language. Volume 1 / edited by S. Nazarzoda et al. - Dushanbe: Bukhara. 2015. - 996 p.
2. Sharipov, T.Sh. Resistance to human trafficking: a scientific-practical tool / T.Sh. Sharipov and others. - Dushabe, 2015. - 256 p.
3. International Labor Organization, A Future Without Child Labor, ILO, 2002.
4. International Labor Organization, International Program on the Elimination of Child Labor (IPEC), Facts on Commercial sexual exploitation of children // [Electronic source] – Access mode: www.ilo.org/childlabour, February 2005 (access date: 22.03 .2022).
5. United Nations Children's Fund, Fact Sheet: Protection and Conflict // [Electronic source] – Access mode: www.unicef.org, February, 2005 (access date: 22.03.2022).
6. UNAIDS, UNFPA, UNIFEM, Women and HIV/AIDS: Confronting the Crisis, 2004.
7. United Nations Convention on the Rights of the Child // [Electronic Source] – Access mode: www.mmk.tj (access date: 22.03.2022).
8. The state of human rights compliance in Tajikistan: a methodological guide. - Dushanbe, 2009. - 135 p.

**УДК 343.123.1**

# ДИФФЕРЕНЦИАЦИЯ ПРЕДВАРИТЕЛЬНОГО РАССЛЕДОВАНИЯ В ФОРМЕ ДОЗНАНИЯ (НА ПРИМЕРЕ ТЕРРИТОРИАЛЬНОГО ОРГАНА ВНУТРЕННИХ ДЕЛ)

# ТАФРИҚАНАМОИИ ТАФТИШОТИ ПЕШАКӢ ДАР ШАКЛИ ТАҲҚИҚ (ДАР МИСОЛИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ МИНТАҚАВӢ)

# DIFFERENTIATION OF A PRELIMINARY INVESTIGATION IN THE FORM OF AN INQUIRY (ON THE EXAMPLE OF THE TERRITORIAL INTERNAL AFFAIRS BODY)

ФАЙРУШИНА Р.Д.
FAIRUSHINA R.D.
*Заместитель начальника кафедры уголовного процесса Уфимского юридического института МВД России, кандидат юридических наук, полковник полиции*
*Муовини сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии Донишкадаи ҳуқуқшиносии ВКД Россия дар ш. Уфа, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники политсия*
*Deputy Head of the Department of Criminal Proceedings of the Ufa Law Office of the Ministry of Internal Affairs of Russia, Candidate of Law, police colonel*



e-mail: Rimma919@mail.ru

*Научная специальность:* 12.00.09 – уголовный процесс.
*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ.
*Scientific specialty*: 12.00.09 – criminal process.

*Рецензент:* КААЦ М.Э. – доцент кафедры уголовного процесса Уфимского юридического института МВД России, кандидат юридических наук, доцент, полковник полиции.

*Тақриздиҳанда:* КААТС М.Э. – дотсенти кафедраи мурофиаи ҷиноятии Донишкадаи ҳуқуқшиноси ВКД Россия дар ш. Уфа, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, полковники политсия.

*Reviewer:* KAATS M. E. – Associate Professor of the Criminal Process Department of the Ufa Law Institute of the Ministry of Internal Affairs of Russia, Candidate of Law, Associate Professor, police colonel.

*Аннотация:* В статье речь идет об отечественной системе предварительного расследования, которая дифференцирована исходя из сложности и очевидности расследуемых преступлений. Рассматриваемая форма дознания также дифференцирована и включает в себя дознание в общем и сокращенном порядке. Автор приходит к выводу, что законодатель должным образом не урегулировал процедуру (алгоритм) сокращенного дознания, что влечет со стороны дознавателей различные манипуляции со сроками в целях соответствия рейтинговой стратегии всей отечественной правоохранительной системы.

*Ключевые слова:* уголовный процесс, предварительное расследование, дознание, дознание в сокращенной форме, подозреваемый, срок расследования.

*Аннотатсия:* Дар мақола сухан дар бораи системаи ватании тафтишоти пешакӣ, ки аз рӯйи мураккабӣ ва ошкор будани ҷиноятҳои тафтишшаванда фарқ мекунанд, меравад. Шакли баррасишавандаи таҳқиқ низ фарқ карда шуда, он тартиби умумӣ ва кӯтоҳкардашударо дар бар мегирад. Муаллиф ба хулосае меояд, ки қонунгузор тартиби (алгоритми)

таҳқиқи кӯтоҳкардашударо ба таври бояду шояд танзим накардааст, ки ин боиси ҳаракатҳои гуногун аз тарафи таҳқиқбаранда оид ба муҳлат бо мақсади риояи стратегияи рейтингии тамоми системаи ҳифзи ҳуқуқи ватанӣ мегардад.

*Вожаҳои калидӣ:* мурофиаи ҷиноятӣ, тафтишоти пешакӣ, таҳқиқ, таҳқиқ дар шакли кӯтоҳкардашуда, гумонбаршуда, муҳлати тафтишот.

*Annotation:* The article deals with the domestic system of preliminary investigation, which is differentiated based on the complexity and obviousness of the crimes under investigation. The considered form of inquiry is also differentiated and includes inquiry in a general and abbreviated order. The author comes to the conclusion that the legislator did not properly regulate the procedure (algorithm) of the reduced inquiry, which entails various manipulations with the terms by the investigators in order to comply with the rating strategy of the entire domestic law enforcement system.

*Key words:* criminal process, preliminary investigation, inquiry, inquiry in an abbreviated form, suspect, investigation period.

**В** уголовном судопроизводстве Российской Федерации существует две формы предварительного расследования – предварительное следствие и дознание. В свою очередь, проведение дознания возможно в обычной и сокращенной форме. Таким образом, законодатель дифференцировал отечественное расследование не только исходя из степени тяжести совершенных преступлений на предварительное следствие и дознание, но и разделил также последнюю форму на обычное и сокращенное дознание.

Соответственно, в рамках уголовно-процессуальных исследований неоднократно поднималась необходимость включения в структуру предварительного расследования отдельной специальной формы, которая бы отвечала определенным требованиям, в том числе очевидности совершенных преступлений. Необходимо кратко охарактеризовать развитие законодательства о рассматриваемом вопросе. Так, в рамках первоначальной трактовки законодателя дознание предполагало расследование уголовных дел, которые возбуждены в отношении конкретного лица, а также то, что их расследование завершится в срок, который не превышает 25 суток. В случае, если указанные условия отсутствовали, проводилось предварительное следствие. В 2007 г. законодатель счел такой порядок неэффективным и ликвидировал необходимость очевидности преступления для расследования его в форме дознания, одновременно увеличив его срок до 30 суток.

Параллельно с указанными изменениями в уголовно-процессуальном кодексе Российской Федерации (далее – УПК РФ) была введена процедура уведомления о преступлении. Через 6 лет, в 2013 г., УПК РФ был дополнен процедурой осуществления дознания в сокращенной форме.

Введение института дознания в сокращенной форме стало еще одной попыткой законодателя произвести упрощение расследования уголовных дел, по которым должно производиться дознание. Отметим, что целями введения рассматриваемой формы дознания являлись, как и первоначально, экономия материальных и физических ресурсов, которые затрачиваются на производство по уголовным делам. Также целью было исключить из деятельности дознания негативные аспекты, связанные с затягиванием процессуальных сроков [1].

Вместе с тем, существующая сегодня практика осуществления дознания в сокращенной форме не является совершенной, что подтверждается анализом возбужденных уголовных дел в отделе дознания ОМВД России по ЗАТО г. Снежинск.

Так, проблемным моментом является намеренная отсрочка допроса подозреваемого с разъяснением ему права ходатайствовать о предварительном расследовании в форме сокращенного дознания. На основе анализа уголовных дел, расследованных в форме сокращенного дознания, выявлено, что подобная ситуация складывается в случаях, когда у дознавателя есть достаточная уверенность в виновности подозреваемого. Тогда инициация предварительного рассле-

дования в форме сокращенного дознания может реализоваться даже через 36 дней после поступления сообщения о преступлении (см. рис.1), что, несомненно, может оказать влияние на своевременную реализацию потерпевшим своих прав и обязанностей.




Рис.1. Временной график реализации предварительного расследования в форме сокращенного дознания в отделе дознания в ОМВД России по ЗАТО г. Снежинск

В частности, например, 14 марта 2020 г. в 14:20 поступило сообщение о краже денег у гражданки И. из кошелька. Через 6 суток было возбуждено уголовное дело № ***2 в отношении гражданина Р. На 30-е сутки после возбуждения уголовного дела был проведен первый допрос подозреваемого с разъяснением ему права ходатайствовать о производстве дознания в сокращенной форме.

Таким образом, потерпевший не мог реализовать свое право на возмещение ущерба в течении как минимум 36 суток, что, несомненно, может повлиять на качество жизни потерпевшего [2].

Итак, в положениях ч. 1 ст. 226.6 УПК РФ законодатель предусмотрел срок, в который должно быть окончено дознание в сокращенной форме [3]. Указанный срок составляет 15 суток и исчисляется с момента вынесения постановления о производстве дознания в сокращенной форме до направления материалов уголовного дела прокурору. Законодателем также устанавливается и срок продления дознания в сокращенной форме, который составляет 20 суток. Такое право принадлежит прокурору.

О.В. Шипунова отмечает, что продление сроков сокращенного дознания обычно связывается с тем, что когда участники знакомятся с материалами дела, а также с обвинительным постановлением, то вносят большое количество ходатайств, рассмотрение которых является невозможным в установленные УПК РФ сроки. Соответственно, дознаватель ставит перед прокурором вопрос о продлении срока, установленного для дознания в сокращенной форме [4, с. 446–447].

Необходимость продления срока объективно связана с тем, что при ознакомлении с материалами дела и обвинительным постановлением заинтересованные лица внесли такое количество ходатайств, удовлетворение которых явно выходит за рамки оставшихся 2 суток, установленных законодателем на данном этапе.

Именно в данной связи, понимая необходимость производства большого числа следственных и процессуальных дей-

ствий, дознаватель настаивает перед прокурором на продлении срока дознания до 20 суток.

В литературе существует мнение, что обычная и сокращенная формы дознания сильно не отличаются друг от друга, в том числе и по срокам. Упор делается именно на возможность продления сокращенного дознания. Более того, исследователи отмечают, что нет разницы и в предмете, т. е. дознание в сокращенной форме производится по тем же составам преступлений, что и в обычной форме [5, с. 193].

По нашему мнению, самым важным условием проведения дознания в сокращенной форме является то, что подозреваемый признал свою вину по совершенному преступлению, а также нанесенный преступлением вред.

Также подозреваемый должен согласиться со всеми доводами, указанными в постановлении о возбуждении уголовного дела. Соответственно, речь может идти только об очевидных преступлениях, так как применение сокращенной формы дознания в рамках неустановленных лиц является невозможным.

Таким образом, когда законодатель формировал и закреплял систему сроков предварительного расследования в форме сокращенного дознания, предполагалось, что указанный срок будет исчисляться с момента принятия решения о производстве сокращенного дознания, который должен находиться в промежутке между первым допросом подозреваемого и следующими за ним 24 часами.

Однако на практике допрос может откладываться на неопределенное время, что многократно затягивает сроки. По нашему мнению, эффективность сокращенного дознания должна строиться на определенном законодательном алгоритме. Для наглядности приведем пример эффективного правоприменения уголовно-процессуальных норм о сокращенном дознании в деятельности отдела дознания ОМВД России по ЗАТО г. Снежинск Челябинской области.

В отделе дознания ОМВД России по ЗАТО г. Снежинск Челябинской области было возбуждено уголовное дело в отношении гр. Т. Указанное уголовное дело полностью можно вписать в схему (рис. 2): так, уголовное дело было возбуждено в день принятия сообщения о преступлении 11 июля 2020 г. в 21:00 в отношении гр. Т., которая высказывала угрозы убийством ножом в отношении гр. М. (ст. 119 УК РФ).

Первый допрос и, соответственно, разъяснения прав подозреваемого ходатайствовать о производстве дознания в сокращенной форме, подача такого ходатайства дознавателю и удовлетворение ходатайства дознавателем были произведены в день возбуждения уголовного дела. Общий срок сокращенного дознания составил 13 дней, что полностью соответствует положениям отечественного уголовно-процессуального закона [6].

Указанный пример наглядно демонстрирует целесообразность рассматриваемой формы предварительного расследования в форме дознания.




Рис. 2. Схема

Следует также обратить внимание на количественные показатели относительно количества преступлений, расследуемых в сокращенной форме дознания в отдельных территориальных органах МВД России. Проведем сравнительный анализ данной работы двух территориальных подразделений МВД: ОМВД России по ЗАТО г. Снежинск Челябинской области и ОМВД России по Каслинскому району Челябинской области.

За последние пять лет наблюдений на фоне общего падения уровня преступности на территории ЗАТО г. Снежинск, наблюдается рост уголовных дел, расследуемых в форме дознания. Доля уголовных дел, которые расследовались в форме сокращенного дознания, составила в 2017 г. 15,8 %, в 2018 г. – 8,7 %, в 2019 г. – 9,8 %, в 2020 г. – 12,1 %, в 2021 г. – 12,5 %, что подтверждает растущую динамику исследуемого показателя [7].

Отметим, что столь небольшой процент возбужденных дел, по которым дознание осуществлялось в сокращенном порядке, может говорить о специфике рассматриваемого территориального органа МВД России. В связи с этим проанализируем статистику отдела дознания по Каслинскому району Челябинской области, на территории которого находится ЗАТО г. Снежинск.

За последние пять лет наблюдений на фоне общего падения уровня преступности на территории Каслинского района Челябинской области наблюдается падение уголовных дел, расследуемых в форме дознания, что также может свидетельствовать об эффективности профилактирования преступлений органами внутренних дел. Доля уголовных дел, которые расследовались в форме сокращенного дознания, составила в 2017 г. 12,4 %, в 2018 г. – 21,4 %, в 2019 г. – 15,2 %, в 2020 г. – 17,5 %, в 2021 г. – 17,8 %, что подтверждает растущую динамику исследуемого показателя [8].

Таким образом, как показывают статистические данные, доля расследуемых уголовных дел в форме сокращенного дознания мала. Это еще раз подтверждает то, что необходимо совершенствовать основания и условия производства дознания в сокращенной форме.

Итак, имеющаяся сегодня система предварительного расследования диффе-

ренцирована в соответствии со сложностью и очевидностью тех преступлений, которые необходимо расследовать. УПК РФ содержит нормы о предварительном следствии и дознании. Вводя в структуру УПК РФ дознание, законодатель хотел прежде всего «разгрузить» органы предварительного следствия. Кроме того, в структуре дознания выделена более простая форма – сокращенное дознание. Его появление обосновывалось необходимостью освободить уже органы дознания от очевидных преступлений. Вместе с тем законодатель закрепил необходимые условия возможности осуществления дознания в сокращенной форме. Так, к таким условиям относится, к примеру, согласие на сокращенное дознание со стороны потерпевшего.

Следует отметить, что в литературе высказывается мнение, в соответствие с которым имеющуюся форму сокращенного дознания следует заменить протокольной формой, т. е. свести все расследование по очевидным преступлениям, в случае неотрицания подозреваемым своей вины, к составлению протокола о совершенном преступлении и направлении его в суд для рассмотрения и назначения соответствующего наказания [9]. Следует заметить, что отдельные авторы предлагают такую форму только по тем преступлениям, которые имеют низкую общественную опасность [10]. А другие предлагают заменить протокольной формой всю сокращенную форму дознания [11].

Отметим, что появление указанных предложений возникает на основе уже имеющегося международного опыта, в том числе стран ближнего зарубежья. Так, в Республике Казахстан существует три формы предварительного расследования – предварительное следствие, дознание и протокольная форма. Укажем, что производство протокольной формы возможно только по уголовным проступкам, которые в Уголовном кодексе Республики Казахстан выделены в отдельную группу.

Уголовно-процессуальное законодательство Республики Казахстан предусматривает процессуальный порядок составления протокола об уголовном проступке и его направления в суд, а также возможные наказания за совершения таких проступков [12].

*Applicant of the department of public law of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after Academician A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan*



E-mail: spitamen_f@mail.ru

*Ихтисоси илмӣ:* 12.00.08 - ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.

*Научная специальность:* 12.00.08 – уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право.

*Scientific specialty:* 12.00.08 - criminal law and criminology; penal law.

*Тақриздиҳанда:* Зоир Ҷ.М. - ходими пешбари илмии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Мушовири давлатии адлияи дараҷаи 1, генерал-майори милитсия (роҳбари илмӣ).

*Рецензент:* Зоир Дж.М. - главный научный сотрудник Института философии, политологии и права имени академика А. Баховадинова Национальной академии наук Таджикистана, доктор юридических наук, профессор, Государственный советник юстиции 1-го класса, генерал-майор милиции (научный руководитель).

*Reviewer:* Zoir J.M. - Chief Researcher of the Institute of Philosophy, Political Science and Law named after Academician A. Bahovadinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Law, Professor, State Counselor of Justice 1st class, Major General of Police (scientific director).

*Аннотатсия*: Дар мақола таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил баррасӣ мегардад. Ҳуқуқҳои инсон, коидаҳои ёдгориҳои ҳуқуқии кадим, меъёрҳои қонунгузории ҷиноии ИҶШС ва ҶШС Тоҷикистон, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил пешбинӣ мекунанд, таҳлил мегарданд. Таҳлили таърихи ташаккул ва рушди ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил якчанд марҳилаҳои рушдро муайян намуд. Мафҳум ва аломатҳои асосии бандубастшаванда барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил тибқи ёдгориҳои ҳуқуқии кадим, қонунгузории ҷиноятии ИҶШС, ҶШС Тоҷикистон ва пас аз истиқлолият таҳқиқ карда мешаванд.

*Вожаҳои калидӣ:* таърих ва рушд, ҳуқуқи инсон, ҷиноят, манзил, дахлнопазирӣ, ҳифзи дахлнопазирии манзил, истиқоматкунанда, соҳибмулк, ҷавобгарии ҷиноятӣ.

*Аннотация:* В статье рассматривается история становления и развития института уголовной ответственности за нарушение неприкосновенности жилища. Анализируются права человека, нормы древних правовых памятников, нормы уголовного законодательства СССР и Таджикской ССР, предусматривающих уголовную ответственность за нарушение неприкосновенности жилища. Анализ истории становления и развития уголовной ответственности за нарушение неприкосновенности жилища выявил несколько этапов развития. Исследуются основные понятия и признаки нарушения неприкосновенности жилища в соответствии с древними правовыми памятниками, уголовным законодательством СССР, Таджикской ССР и после приобретения независимости.

*Ключевые слова:* история и развитие, права человека, преступление, жилище, неприкосновенность, охрана неприкосновенности жилища, жилец, имущество, уголовная ответственность.

*Annotation*: The article discusses the history of the formation and development of the institution of criminal liability for violation of the inviolability of the home. Human rights, the norms of ancient legal monuments, the norms of the criminal legislation of the USSR and the Tajik SSR, which provide for criminal liability for violation of the inviolability of the home, are analyzed. An analysis of the history of the formation and development of criminal liability for violation of the inviolability of the home revealed several stages of development. The basic concepts and signs of violation of the inviolability of the home are investigated in accordance with ancient legal monuments, the criminal legislation of the USSR, the Tajik SSR and after independence.

*Key words:* history and development, human rights, crime, housing, inviolability, protection of the inviolability of the home, tenant, property, criminal liability.

Инсоният дар роҳи таҳкими ҳуқуқу озодиҳо роҳи пуршиддатро тай намуда, аксар вақт, маҳз мубориза барои ҳуқуқҳои инсон, барои дараҷаҳои нави озодӣ, такондиҳандаи дигаргуниҳои васеъмиқёси ҳаёти ҷамъиятию сиёсии ин ё он кишвар гардида, боиси дарки нави нақши инсон дар муносибатҳои бо ҷамъият ва давлат мегардад.

Мавзуи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, кафолатҳои қонунии таъмини онҳо роҳи дуру дарози таърихиро тай намудааст, ки сарчашмаи онро ақидаҳои назариявӣ, фалсафӣ, динӣ оид ба ҳаёти инсон ва муносибати ӯ бо олами гирду атроф, идеяи адолат ҳамчун меъёри рафтор ташкил медод. Ҳуқуқи инсон як падидаи мураккаб ва бисёрҷанба буда, дар давраҳои гуногуни таърихӣ, мушкилоти ҳуқуқи инсон, ки аввалан хусусияти динӣ, ахлоқӣ ва фалсафӣ доштанд, хусусияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ пайдо намуданд.

Дар баробари рушди ҳуқуқҳои инсон таҳлилҳо оид ба коркарди мафҳумҳои «ҳуқуқи дахлнопазирии манзил» оғоз ёфт. Бояд қайд намуд, ки мафҳумҳои «манзил» ва «амнияти шахсӣ» ҳамчун яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини ҳаёти инсон кайҳо боз вуҷуд доранд. Мушкилоти қонунан маҳдуд намудани ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар таърихи тамаддун низ осори калон гузоштаст.

Аз ин рӯ, баҳри дарки моҳияти мушкилоти дахлнопазирии манзил ба таърих ру овардан мувофиқи мақсад мебошад. Тавре дар адабиёти илмӣ қайд мегардад: «...барои фаҳмиши мавзуъ дар воқеият ошкор намудани гузаштаи он лозим аст, барои дарк намудани моҳияти мавзуъ аз назар гузаронидани таърихи он зарур аст» [1, с.71].

Дар таърихи инсоният манзил ҳамчун маконе эътироф мегардид, ки ҳангоми ба он ворид гаштани шахсони бегона, рафтори онҳо ба таври гуногун бандубаст карда мешуд. Чунин рафтор дар сурати беасос будан ҳамчун вайрон намудани ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил эътироф мегардид.

Бояд қайд намуд, ки масъалаи таъмини дахлнопазирии манзил дар

ёдгориҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла дар Қонунҳои Хаммурапи (шохи Бобул дар асри 18 пеш аз милод) як қатор моддаҳо оид ба вайрон кардани ҳуқуқи моликият мавҷуд буданд. Ин маҷмуа инъикосгари моддаҳоест, ки муносибати муайяни манфиро нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро поймол мекардааст, фаро мегирад. Масалан, дар § 21, 25, 113, 133 барои ворид гаштан ба манзили бе соҳиби манзил, дуздӣ аз манзил, оташ задани манзил, ғоратгарӣ... ҷазо пешбинӣ шудааст [2].

Қонунҳои Ассури Миёна асри XV пеш аз милод инчунин барои даромади зан ба маъбади Худо ё дуздӣ аз манзил ҷазои қатл пешбинӣ менамуданд; куштори шахс дар манзили каси дигар низ чунин ҷазо дода мешуд.

Соли 632 дар муҳорибаҳои назди Қуддусия ва Наҳованд кӯшуни араб қувваи якҷояи форсҳоро торумор намуда, ба мавҷуяти, такрибан, панҷасраи Сосони ҳотима дода, Мowароннаҳри қадимро забт намуда, дини исломро дар Осиёи Миёна паҳн намудаанд [3, с. 344]. Қонуни асоси - Қуръони карим ва ҳадисҳои асосгузори дини ислом Муҳаммад (с.а.с) этироф шудаанд, ки ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар оятҳои 27-28 сураи 24 “Нур”-и Қуръони Карим дарҷ гардидааст: «Эй муъминон, ба манзили ғайри манзили худ дохил нашавед, то он даме ки иҷозат нагиред... Агар дар он касеро наёбед, пас дар он дохил нашавед то он даме, ки ба шумо иҷозат дода шавад. Ва агар ба шумо гуфта шавад «бозгардед, - пас баргардед» [4].

Дар Туркистон ва Бухоро мустаҳкамшавии меъёрии ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ хусусиятҳои ба худ хос дошт. Дар Конститутсияи БНСР ҳуқуқҳои шахсии шаҳрвандон назар ба Конститутсияҳои Туркистон ва ҶШС Тоҷикистон бештар кафолат дода шуда буд. Масалан, дар Конститутсияи Республикаи Халкии Советии Бухоро соли 1921 озодии шахс ва дахлнопазирии манзил муқаррар карда шуда буд. Чунин муқарраротҳо дар Конститутсияҳои ҶШС Туркистон ва ҶШС Тоҷикистон мавҷуд набуданд [5, с.147]. Бо ташакули ҶШФСР баъд аз инқилоби октябр қонунҳои то инқилоб амалкунанда бекор карда шуданд. Ҳамзамон надоштани таҷрибаи сохтмони давлатдорӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳ, сифат ва муҳлатҳои танзимнамоии ҳуқуқи мушкилоти таъмини дахлнопазии манзил иникос мегардид. Дар солҳои хокимияти шуравӣ дар ҶТ чор конститутсия қабул карда шуд.

Конститутсияи соли 1918 ҶШФСР фасли алоҳидаро «эъломияи ҳуқуқҳои меҳнаткашон ва халқи истисморшаванда» оид ба ҳуқуқҳои инсон дар бар мегирифт. Аммо ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар он дар ҷой надошт, ки ин ҳолатро бо вазъияти мураккаби сиёсӣ он замон шарҳ додан мумкин аст.

Яке аз аввалин ҳуҷҷатҳои Ҳокимияти Шуравӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ - «Асосҳои авалиндараҷаи қонуни ҷиноятии ҶШФСР соли 1919» буд, ки дар он низ меъёрҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, аз ҷумла ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил ягон муқаррарот дарҷ нагардида буд [6, с. 63-68]. Соли 1924 Конститутсияи ИҶШС қабул гардид, ки дар он озодӣ ва баробарҳуқуқии миллӣ эълон карда шуд. Аммо ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар он низ ҷой надошт [7, с. 744]. Ҳамзамон сарфи назар аз ҷой надоштани меъёрҳое, ки ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро дар конститутсияҳои аввалин танзим намекарданд, ин ҳуқуқ бо дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ муқаррар гардида буд.

Ҳамин тавр, дар Қарори комисариати халкии адлия «Дар бораи ташкили милитсияи советии коргару дехконон» соли 1918 пешбинӣ гардида буд, ки кофтуков танҳо бо қарори судҳои халқӣ ва комиссияҳои тафтишотӣ гузаронда мешавад. Милитсия бо ташаббуси худ танҳо барои пешгирӣ кардани, нестшавии изҳои ҷиноят ҳуқуқи гузаронидани кофтуковро доштанд. Дар сурати гузаронидани чунин кофтуков ба суди халкии наздиктарин ё комиссияи тафтишот хабар дода мешуд [8, с. 15].

Мувофиқи Низомнома «Дар бораи трибуналҳои револютсионӣ» аз 18-уми марти соли 1920 кофтуков, дастгир кардан ва ҳабс намуданро танҳо муфаттишони трибуналҳо дар асоси қарори тасдиқкардаи худи трибунал ҳуқуқ доштанд [9, с. 115].

Дар Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1922 ва Кодекси ҷиноятии ҶШФСР аз соли 1926 меъёре, ки дахлнопазирии манзилро ҳифз мекард, вуҷуд надошт. Аммо, дар моддаи 135-уми Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1922 аз манзили шахси маҷбуран баровардани коргарон ва хизматчиёнро бе ҳукми суд ҷиноят эътироф мегардид. Барои чунин ҷиноят ҷазо то 6 сол корҳои ислоҳӣ пешбинӣ гардида буд. Ҷолиб он аст, ки ҳатто дар қисмати зидди молу мулк, ки дар он моддаҳои дуздӣ, ғоратгарӣ мавҷуд аст – аломатҳои бандубастшавандаи ҷиноят “бо вайрон кардани дахлнопазирии манзил” ба назар намерасанд. Моддаи 97 Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1926 - маҷбуран бе ҳукми суд баровардани коргарон, аз манзилҳое, ки ба муассисаю корманзилҳо вобаста карда шуда, ба ғайр аз мавридҳои ба таври маъмурӣ пешбинӣ гардида, ҷиноят эътироф мегардид.

5-уми декабри соли 1936 Конститутсияи нави ИҶШС қабул карда шуд, ки дар он бори аввал ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил эътироф гардид. Дар Конститутсияи соли 1936 ИҶШС ҳуқуқҳои сотсиалию иктисодии шарҳрвандон (ба меҳнат, истироҳат, таъминоти моддӣ дар пиронсолӣ, ҳуқуқ ба таълим) пешбинӣ гардиданд, ки аз руи моҳияти худ назар ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ба ҳуқуқҳои табиии инсон наздиктар буданд. Дар моддаи 128 Конститутсияи соли 1936 ИҶШС эълон мегардид, ки: дахлнопазирии манзил кафолат дода мешавад. Аммо ин қоидаи Конститутсия ба Кодекси ҷиноятии ИҶШС дохил карда нашуд. Муқаррарот оид ба дахлнопазирии манзили шаҳрвандон ва хориҷиён ва махфӣ нигоҳ доштани мукотиба низ муқаррар карда шуда буд [10, с.87].

Дар Конститутсияи соли 1937 ҶШС Тоҷикистон дахлнопазирии манзил ва махфи будани мукотиба муқаррар карда шуда буд. Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон доираи васеи ҳуқуқу озодиҳоро мустаҳкам намуд, ки муҳимтарини онҳо «Ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои асосии гражданинҳо» буд. Тибқи он «Ба шаҳрвандони ҶШФСР дахлнопазирии манзилашон кафолат дода мешавад. Ҳеҷ кас ҳақ надошт, ки бар хилофи иродаи шахсони дар он истиқоматкунанда бе асоси қонунӣ вориди манзил шавад. Дахлнопазирии манзил ва махфияти мукотиба бо қонун ҳифз карда мешавад».

25 декабри соли 1958 «Асосҳои қонунгузории ҷиноятӣ»-и ИҶШС ва республикаҳои иттифоқӣ қабул карда шуда шуд. Дар асоси ҳамин «Асосҳо...» кодексҳои ҷиноятии ҷумҳуриҳои иттифоқӣ қабул карда шуданд [11, с. 19-20].

Бори аввал ин дар м. 130 Кодекси ҷиноятии ҶШФСР соли 1960 – ум боби IV «Ҷиноятҳо бар зидди ҳуқуқу озодиҳои интихоботӣ, меҳнатӣ ва дигар шахсии инсон ва шаҳрванд» ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон намудани дахлнопазирии манзил пурра муқаррар карда шуда буд, ки тибқи он кофтуковҳои ғайриқонунӣ, аз манзил кучидан ва дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки дахлнопазирии манзилро вайрон мекарданд, ҷиноят дониста шуданд. Ба сифати объекти ҷиноят муносибатҳои ҷамъиятие, ки бо татбиқи ҳуқуқи субъективии шаҳрванд ба дахлнопазирии манзил алоқаманданд эътироф мегардид [12, с. 10]. Аммо танҳо шахси мансабдор субъекти ин ҷиноятҳо буд. Санксияҳо барои ин ҷиноят ҳадди - танҳо то 1 сол маҳрум кардан аз озодӣ таъин мегардид.

Дар баробари кофтукови ғайриқонунӣ ва ғайриқонунӣ аз манзил берун кардан, ки тибқи қонунгузории контрреволютсионӣ ҳамчун кирдори худсарона эътироф карда мешуд, ба кирдорҳои ғайриқонунӣ, ки дахлнопазирии манзилро вайрон мекунанд, ворид гаштан ба манзили истиқоматӣ бар хилофи иродаи сохибмулк, истифодаи муваккатии манзили истиқомати дар набудани соҳибмулк ва ғайра ҷиноят эътироф

мегардиданд. Мафҳуми «дигар кирдорҳои ғайриқонунӣ», ки ҳамчун вайрон кардани дахлнопазирии манзил эътироф мегардиданд аз нуқтаи назари К.Л.Акоев, хусусияти баходиҳӣ дошта, мазмуни онро баъзан на танҳо намояндаи шуури ҳуқуқи оммавӣ, балки корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ муайян кардан наметавонист [13, с. 110].

Воридшавӣ ба манзил ҳамчун аломати бандубастшвандаи тасарруф дар амалияи судӣ ба таври мушаххас баррасӣ гардида буд. Дар Қарори Пленуми Суди Олии ҶШФСР аз 22-юми марти соли 1966 № 31 [14, с. 190-191] шарҳи аломати бандубастшавандаи ғоратгарӣ ё роҳзанӣ бо роҳи ворид гаштан ба бино, манзил ё дигар иншоот тавсиф мегардид.

Дар қарори Пленуми Суди Олии ИҶШС № 11 аз 5-уми сентябри соли 1986 [15, с.310-311] ворид гаштан ба манзил шарҳ дода шуд. Дар он зикр гардид, ки воридшавӣ ба манзил бо мақсади содир намудани ғоратгарӣ, дуздӣ, ки на танҳо пинҳонӣ, балки ошкоро ҳам бо рафъи монеаҳо ва ҳам бо муқовимати одамон, содир карда мешавад. Дар ҳамин Қарор мафҳуми «манзил» дода шуда буд, ки тибқи он манзил иншооте мебошад, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатии одамон (манзилҳои инфиродӣ, квартира, ҳуҷра дар меҳмонҳо, котеҷ, манзил дар боғ ва ғайра) пешбинӣ шудааст, инчунин ҷузъҳои таркибии манзилҳо, ки барои истироҳат, нигаҳдории амвол ё қонеъ кардани дигар ниёзҳои инсон равона гардидаанд (балконҳо, айвонҳо, анборҳо ва ғайра) дохил мешуданд. Аммо биноҳое, ки барои истиқомати доимӣ ё муваққатӣ пешбинӣ нашудаанд (ниҳонҳо, анборҳо, гаражҳо ва дигар утоқҳои ёрирасон, ки аз биноҳои истиқоматӣ ҷудо карда шудаанд) ҳамчун манзили истиқоматӣ эътироф карда намешаванд. Ҳамин тариқ, мавҷуд набудани мафҳуми «манзил» дар қонуни ҷиноятӣ тавассути тавзеҳоти судӣ ҷуброн карда мешуд.

Ин таъриф, ба назари мо, барои муайян кардани мафҳуми «манзил» мувоффиқ буд, гарчанде ки чунин мафҳум дар қонуни ҷиноятӣ вуҷуд надошт. Қонунгузории Шуравӣ руйхати мукаммали шахсонеро пешбинӣ мекард, ки ҳуқуқи бе иҷозат ба манзили шаҳрвандон даромаданро доштанд. Ин ҳуқуқро органҳои тафтишот ва таҳқиқ дар мавридҳое истифода мебурданд, ки барои гузаронидани кофтуков, мусодира (м. 16 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШФСР) ё таъмини даъвои граждании бо роҳи ҳабси амвол ва тавсифи он (м. 126 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶШФСР) зарур буд. Қарор дар бораи содир намудани ин амалҳо ҳатман бояд аз ҷониби прокурор дода мешуд. Иҷрочиёни суд ҳуқуқ доштанд, ки дар асоси ҳалномаи суд бе монеа ба манзил ворид шаванд.

Кафолатҳои дахлнопазирии манзил дар он буд, ки шаҳрвандон бо қарори суд ё прокурор ва чун қоида бо додани манзили дигари истиқоматӣ аз манзили истиқоматашон берун карда мешуданд (м.м. 36 - 38 Асосҳои қонунгузории манзилии Иттифоки ҶШС ва республикаҳои иттифоқӣ).

Бояд қайд намуд, ки бинобар як давлат будан дар тамоми кодексҳои ҷиноятии республикаҳои иттифоқӣ меъёрҳое ҷой доштанд, ки барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ мекарданд, ки ҳамчун тарафи объективӣ чунин кирдорҳо яхеларо пешбинӣ менамуданд: кофтукови ғайриқонунӣ, ғайриқонунӣ берун намудан аз манзил ва дигар кирдорҳо.

Рушди минбаъдаи таъмини ҳуқуқи-ҷиноятии дахлонопазирии манзил бо ба тасвиб расонидани Пактҳои байналмилали СММ оид ба ҳуқуқҳои инсон соли 1976 ИҶШС оғоз гардид. Соли 1977 Конститутсияи ИҶШС қабул карда шуд, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои гражданинҳо тибқи стандартҳои байналмилалӣ муқаррар гардида буданд. Мавзӯи ҳуқуқи инсон дар он инъикос ёфта буд. Диққати асосӣ ба ҳуқуқҳои ичтимоию-иқтисодӣ дода мешуд.

Моддаи 55 Конститутсия дахлнопазирии манзили шаҳрвандони ИҶШС-ро кафолат дода буд. Ҳеҷ кас ҳақ надошт, ки бар хилофи иродаи шахсони дар он истиқоматкунанда бе асосҳои

қонунӣ ба манзил ворид шавад. Соли 1978 Совети Олии ҶШФСР Конститутсияи ҶШФСР-ро тасдиқ кард, ки он ҳуқуқи дахлнопазирии манзилро низ кафолат медод.

Эълони истиқлолияти ~~ҶТ~~ Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 сентябри соли 1991 дар таърихи давлату халқи мо саҳифаи нав кушода, имкон дод, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онҳо бо мазмуну мазмуни нав пур карда шаванд. Ҳамзамон бо истифода аз вазъи иҷтимоию сиёсии ҷумҳурӣ, хусусан шаҳри Душанбе, дар солҳои навадуми асри гузашта ҳодисаҳои аз тарафи шахсони бетараҳҳум ва нопок зӯран соҳибӣ кардани манзилҳои одамон зиёд рӯй додааст. Бахусус, манзилҳои шахсоне, ки дар натиҷаи ҳодисаҳои хунини соли 1992 фирорӣ гашта буданд, аз тарафи шахсони ҷиноятпеша тасарруф карда шуданд. Ҳатто ба воситаи таҳдиду зӯрӣ аз манзилашон одамонро берун карда, онро соҳибӣ кардаанд. Ин кирдоҳо дахлнопазирии манзили шахсро вайрон карда, хилофи Конститутсия шуданд.

Бо мақсади пешгирии чунин ҳодисаҳо Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 7-уми апрели соли 1994 «Дар бораи чораҳои иловагии ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон дар бобати дахлнопазирии манзил» фармон баровара буд. Чораҳои дар он пешбинишуда то андозае пеши роҳи ин ҷинояткориҳоро гирифтанд. Аммо ин чораҳо ҳам садди роҳи ҳуқуқвайронкуниҳо гашта натавонистанд ва ҳоло ҳам ин ҷараён идома дорад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, ки дар натиҷаи раипурсии умумихалқӣ қабул шуд, афзалиятҳои ҳифзи ҳуқуқи аз манфиати ҷамъият ба манфиати шахсият иваз карда шуданд. Дар Конститутсия ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар моддаи 22 муқаррар карда шудааст, ки тибқи он “Манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст» [16].

Қабули Конститутсияи нав ба тағйир ёфтани объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ оварда расонид ва аз ин ру сабаби қабули қонунгузории нав, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ гардид. Илова бар ин, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шартномаиҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқӣ инсон ба зиммаи он уҳдадориҳо вогузор гардиданд, то ки ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва пеш аз ҳама, таъмини воқеии ҳуқуқ ва ҳуқуқҳои эълонкарда тавассути қонуни ҷиноятӣ амалӣ карда шаванд. Ин ҳолатҳо сабаби қабули КҶ ҶТ аз соли 1998 гардиданд [17].

Ҳамин тавр, ба хулоса омадан мумкин аст, ки:

1. Ташаккул ва таҳкими меъёрҳое, ки ҷавобгариро барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил дар қонунгузории давлати мо пешбинӣ мекунанд, якчанд марҳилаҳои рушдро паси сар кардааст:

- бавосита истинод оид ба таҷовузҳои ҷиноятӣ ба шахсият ё моликият, ки бар зидди онҳо мудофиаи зарурӣ зарур аст ёдоварӣ мегардад;
- вайрон намудани дахлнопазирии манзил ҳамчун яке аз шаклҳои худсарӣ;
- ташаккули таркиби мустақилӣ ҷиноятӣ, ки ба дахлнопазирии манзилро таҷовуз менамояд.

2. Таҳлили таърихи муқаррар шудан ва инкишоф ёфтани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзил нишон дод, ки коидаҳои ёдгориҳои ҳуқуқии кадим, ки ҷавобгариро барои таҷовуз ба манзил пешбинӣ мекарданд, қонуни ҷиноятӣ набуда, муҳофизати манзил аз ҷиҳати моликият ба амал баровара мешуд. Ҳуқуқи худи ӯ ба дахлнопазирии худ, асосан, ҳамчун ҳуқуқ ба дахлнопазирии ҷисмонӣ - манъи несту нобуд, харобшавӣ, оташзанӣ ва ғайра дида мешуд. Аммо дар Қонунҳои Хаммурапи (асри XVIII пеш аз милод) масъулият барои даромадан ба манзил дар сурати набудани сохиби он пешбинӣ шуда буд.

3. Дар қаламрави ҶТ ҳуқуқи инсон ба дахлнопазирии манзил бори аввал дар Конститутсияи ҶШС Тоҷикистон 1931 сабт шуда буд ва дар замони диктатураи пролетариат дар Конститутсияи ИҶШС соли 1924 ягон коидае набуд, ки чунин

ҳуқуқро кафолат диҳад. Барқарор намудани ин ҳуқуқ танҳо дар Конститутсияи ИҶШС дар соли 1937 ба амал омадааст. То соли 1960 меъёре мустакил қонунгузории ҷиноятӣ, ки барои вайрон кардани ҳуқуқ дахлнопазирии манзил ҷавобгарии ҷиноятиро муқаррар менамуд, вуҷуд надошт. Танҳо аз манзили хизматӣ кучонидани коргарон кирдори ҷиноятӣ дониста мешуд. Аммо бо рушди қонунгузории конститутсиони ва ҷиноятӣ дар кишвар меъёре, ки ҷавобгарӣ барои вайрон кардани дахлнопазирии манзилро пешбинӣ мекунад дар кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 ворид гардид.

4. Эълони истиқлолияти ҶТ 9-уми сентябри соли 1991 дар таърихи давлату халқи мо саҳифаи нав кушода, имкон дод, ки ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон васеъ карда, онҳо бо мазмуну мазмуни нав пур карда шаванд. Соли 1994 дар ҶТ Конститутсияи ҶТ қабул шуд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994, ки дар натиҷаи раипурсии умумихалқӣ қабул шуд, афзалиятҳои ҳифзи ҳуқуқӣ аз манфиати ҷамъият ба манфиати шахсият иваз карда шуданд. Дар Конститутсия ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил дар моддаи 22 муқаррар карда шудааст, ки тибқи он "Манзили шахс дахлнопазир аст. Ба манзили шахс зӯран даромадан ва касеро аз манзил маҳрум кардан манъ аст, ба истиснои мавридҳое, ки қонун муқаррар кардааст».

5. Қабули Конститутсияи нав ба тағйир ёфтани объектҳои ҳифзи ҳуқуқӣ оварда расонид ва аз ин рӯ, сабаби қабули қонунгузории нав, аз ҷумла қонунгузории ҷиноятӣ гардид. Илова бар ин, ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Шартномаҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқӣ инсон ба зиммаи он уҳдадориҳо вогузор гардиданд, то ки ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва пеш аз ҳама, таъмини воқеии ҳуқуқ ва ҳуқуқҳои эълонкарда тавассути қонуни ҷиноятӣ амалӣ карда шаванд. Ин ҳолатҳо сабаби қабули КҶ ҶТ аз соли 1998 гардиданд. КҶ ҶТ дар масъалаи шарҳи мафҳуми "даҳлнопазирии манзил" саҳифаи нав боз намуд. Муайян кардани мазмуни кирдоре, ки вайрон кардани дахлнопазирии манзил ё дигар моликияти шахсро ташкил медиҳад дар м. 147 КҶ ҶТ муаян карда шудаст. Дар баробари ин, м. 147 КҶ ҶТ ҳифзи пурраи ҳуқуқҳои ҳар як шахс ба дахлнопазирии манзил то ҳол комил нест. Бинобар ин, м. 147 КҶ ҶТ ба такмил ниёз дорад.

**Адабиёти истифодашуда**


1. Подкорытов, Г.А. Историзм как метод научного познания / Г.А. Подкорытов. – Ленинград: Ленинградский Государственный университет, 1967. – 192 с.
2. Законы вавилонского царя Хаммурапи // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https://pstgu.ru/download/1180422238.hammurapi.pdf (санаи муроҷиат: 26.01.2022 с.).
3. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав / Б. Ғафуров. - Душанбе: Нашриёти муосир, 2020. – 979 с.
4. Қуръони Карим. Сураи 24 "Нур ", оятҳои 27-28 // [Захираи электронӣ] - Манбаи дастрасӣ: https://islamtv.ru/books-203.html (санаи муроҷиат: 26.02.2022 с.).
5. Хрестоматия по истории государства и права Таджикистана (1917-1994). – Душанбе: Адиб, 2015. – 205 с.
6. Хрестоматия по истории отечественного государства и права 1917-1991 гг. / Под ред. О. И. Чистякова. - М.: Зерцало, 1997. - 591 с.
7. Основной Закон (Конституция) Союза Советских Социалистических Республик. Принят второй сессией ЦИК СССР первого созыва 6 июля 1923 года и в окончательной редакции II съездом Советов СССР 31 января 1924 года / Конституция (Основной закон) Союза Советских Социалистических Республик. Конституции (Основные законы) Союзных Советских Социалистических Республик: научное издание. – М.: Известия Советов нар. депутатов СССР, 1985. – 744 с.
8. Постановление НКВД РСФСР от 10 ноября 1917 г. «О рабочей милиции» // Собрание Узаконений РСФСР. 1917. № I. Ст. 15.

9. Собрание Узаконений Рабочего и крестьянского правительства РСФСФ. 1920. № 22/23. Ст.115.
10. Петрухин, И.Л. Человек и власть: (в сфере борьбы с преступностью) / И. Л. Петрухин. – М.: Юристъ, 1999. - 391 с.
11. Новиков, В.А. Уголовная ответственность за нарушение неприкосновенности жилища: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Валерий Анатольевич Новиков. – М., 2001. – 167 с.
12. Расулов, Р.И. Уголовная ответственность за преступления, связанные с проникновением в жилище: автореф. дис.... канд. юрид. наук: 12.00.08 / Расул Ислам-оглы Расулов. - М., 1991. -26 с.
13. Акоев, К.Л. Неприкосновенность жилища как объект уголовно-правовой охраны / К. Л. Акоев / Проблемы уголовной политики и уголовного права: межвуз. сб. науч. тр. / отв. ред. А. В. Наумов. - М., 1994. - С. 110-112.
14. Ласточкина, С.Г. Сборник постановлений Пленумов Верховного Суда Российской Федерации (СССР, РСФСР) по уголовным делам / С. Г. Ласточкина, Н.Н. Хохлова. Изд. 2-е, перераб. и доп. - М.: Проспект, 2000. – 841 с.
15. Сборник постановлений Пленумов Верховных Судов СССР и РСФСР (Российской Федерации) по уголовным делам: [по состоянию на 1 янв. 1995 г.]. - М.: Фирма «Спарк», 1995. – 599 с.
16. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 (бо тағйиру иловаҳо аз 26-уми сентябри соли 1999, 22-юми июни соли 2003 ва 22-юми майи соли 2016). - Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
17. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми майи соли 1998, № 574 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 9, мод. 68, мод. 69, № 22, мод. 306. Қонунҳои ҶТ аз 2018, №. 1, м. 4, м. 5, №. 5, м. 266, №. 7-8, м. 522; 2019, №. 1, Art. 1, м. 2, №. 6, м. 311; 2020, №. 1, м. 8, м. 9.

**References**

1. Podkorytov, G.A. Historicism as a method of scientific knowledge / G.A. Podkorytov. - Leningrad: Leningrad State University, 1967. - 192 p.
2. Laws of the Babylonian king Hammurabi // [Electronic resource] - Access mode: https://pstgu.ru/download/1180422238.hammurapi.pdf (date of access: 01/26/2022).
3. Gafurov, B. Tajiks: the most ancient, ancient, medieval and modern history / B. Gafurov. - Dushanbe: Modern Publishing House, 2020. - 979 p.
4. Holy Quran. Sura 24 "Light," Verses 27-28 // [Electronic resource] - Source of access: https://islamtv.ru/books-203.html (date of access: 26.02.2022).
5. Reader on the history of the state and law of Tajikistan (1917-1994). - Dushanbe: Adib, 2015. - 205 p.
6. Reader on the history of the domestic state and law 1917-1991. / Ed. O. I. Chistyakova. - M.: Zertsalo, 1997. - 591 p.
7. Basic Law (Constitution) of the Union of Soviet Socialist Republics. Adopted by the second session of the Central Executive Committee of the USSR of the first convocation on July 6, 1923 and in the final version by the II Congress of Soviets of the USSR on January 31, 1924 / Constitution (Basic Law) of the Union of Soviet Socialist Republics. Constitutions (Basic Laws) of the Union Soviet Socialist Republics: a scientific publication. - M .: News of the Soviets Nar. deputies of the USSR, 1985. - 744 p.
8. Decree of the NKVD of the RSFSR of November 10, 1917 "On the working militia" // Collection of Laws of the RSFSR. 1917. No. I. Art. fifteen.
9. Collection of Legalizations of the Workers' and Peasants' Government of the RSFSF. 1920. No. 22/23. Art.115.
10. Petrukhin, I.L. Man and power: (in the field of combating crime) / I. L. Petrukhin. - M.: Jurist, 1999. - 391 p.
11. Novikov, V.A. Criminal liability for violation of the inviolability of the home: dis. ... cand. legal Sciences: 12.00.08 / Valery Anatolievich Novikov. - M., 2001. - 167 p.
12. Rasulov, R.I. Criminal liability for crimes related to entry into a home: author. dis.... cand. legal Sciences: 12.00.08 / Rasul Islam-ogly Rasulov. - M., 1991. - 26 p.
13. Akoev, K.L. Inviolability of the home as an object of criminal law protection / KL Akoev / Problems of criminal policy and criminal law: Interuniversity. Sat. scientific tr. / resp. ed. A. V. Naumov. - M., 1994. - P. 110-112.

14. Lastochkina, S.G. Collection of decisions of the Plenums of the Supreme Court of the Russian Federation (USSR, RSFSR) on criminal cases / S. G. Lastochkina, N.N. Khokhlova. Ed. 2nd, revised. and additional - M.: Prospekt, 2000. - 841 p.

15. Collection of decisions of the Plenums of the Supreme Courts of the USSR and the RSFSR (Russian Federation) on criminal cases: [as of January 1. 1995]. - M.: Firm "Spark", 1995. - 599 p.

16. Constitution of the Republic of Tajikistan dated November 6, 1994 (with amendments dated September 26, 1999, June 22, 2003 and May 22, 2016). - Dushanbe: Ganj, 2016. – 135 p.

17. Criminal Code of the Republic of Tajikistan dated May 21, 1998, No. 575// Akhbori Majlisi Oli of the Republic of Tajikistan, 1998, No. 9, Article 68, Article 69, No. 22, Article 306; 2004, No. 5, Art. 346, No. 7, Art. 452, Art. 453; Laws of the Republic of Tajikistan 2018, No. 1, Art. 4, Art. 5, No. 5, Art. 266, No. 7-8, Art. 522; 2019, No. 1, Art. 1, Art. 2, No. 6, Art. 311; 2020, No. 1, art. 8, art. 9.

# Тартиби
## ҚАБУЛИ МАВОД БА МАҶАЛЛАИ ИЛМИИ «Осори Академияи Ҷумҳурии Тоҷикистон»

Мақола ба Шуъбаи ташкилӣ-илмӣ ва табъу нашри Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар намуди чопӣ ва ё ин ки электронӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар маҷаллаи илмӣ мақолаҳое, ки натиҷаҳои тадқиқоти илмие, ки ба тахассусҳои илмии соҳаи ҳуқуқии зерин: 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипалӣ; 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.09 – мурофиаи ҷиноятӣ; 12.00.11 – Фаъолияти судӣ, фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ; 12.00.12 – Криминалистика; фаъолияти судӣ-экспертӣ; фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ мебошанд, чоп мешаванд.

Мақола бояд дорои аннотатсия, вожаҳои калидӣ ва рӯйхати адабиёт бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бошад.

Номи мақола ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо ҳуруфи сиёҳ ва БО ҲАРФҲОИ КАЛОН, бе сархат ва дар мобайни матн ҳуруфчинӣ мешавад.

Ба мақола бояд маълумот дар бораи муаллифон ба забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бо ишораи Н.Н.П., ҷойи кор (номи ташкилот), вазифаи ишғолкарда, дараҷаи илмӣ, унвони илмӣ ва суроғаи почта (хизматӣ), ҳамчунин суроғаи электронӣ замима шаванд.

Мақола бояд бо расми муаллиф (-он) ва ному насаби муаллиф ба файл ҳамроҳ карда шавад, мисол: Раҷабов Н.. JPG.

Мутобиқи мавзуи мақола муаллиф УДК-и онро нишон медиҳад.

Шакли электронии мақола дар намуди файли MS Word дар андозаи *. doc бояд мутобиқат кунад.

Файл бояд дорои ному насаби муаллиф(-он) бошад, *мисол:* Раҷабов Н. doc, Раҷабов-Собиров. doc

Ба мақола ҳуҷҷатҳои зерин замима мегарданд:

1) иқтибос аз протоколи ҷаласаи кафедра (дар сурати будани он аз ҷойи кори муаллиф) бо тавсия барои чоп;

2) хулосаи экспертӣ дар бораи надоштани маълумоти барои чопи оммавӣ манъшуда, бо муҳри нишонии муассиса тасдиқшуда;

3) тақриз аз ҷониби мутахассисе, ки дорои дараҷаи илмии доктор ё номзади илм (агар муаллиф(он) номзад, унвонҷӯ, аспирант ё адъюнкт) бошад, имзои муқарриз бояд ки аз ҷониби дастгоҳи кадрии ҷойи кори асосии онҳо (бо муҳри муассиса) тасдиқ шуда бошад.

Ҳаҷми мақола бояд на кам аз 5 ва на зиёд аз 20 саҳифа (барои докторон ва номзадҳои илм) ва на зиёда аз 12 саҳифа (барои докторантон, унвонҷӯён ва адъюнктон) бошад. Рақамгузории саҳифаҳо гузошта намешавад.

Мақола бояд бо ҳарфҳои муқаррарӣ, дар шакли электронӣ бо гарнитураҳои Times New Roman Tj, Times New Roman бо фосилаи байнисатрии ягона (одинарный) ҳуруфчинӣ шуда бошад. Фосилаи сархат бояд ки якхела ва баробар ба 1,25 см. бошад.

Андозаи ҳуруфи асосӣ бояд ба 14 баробар бошад.

Рақамгузории иқтибосҳо ба адабиёт бо рақамҳои арабӣ дар қавсҳои мураббаъ оварда мешаванд, *масалан:* «Ҳамчунон ки аз ҷониби К.Ҳ.Солиев ишора гардидааст [2, с. 34-40], чунин самара ҳангоме зоҳир мегардад, ки…».

Рӯйхати адабиёт бояд дар мутобиқат бо стандартҳои давлатии «Иқтибоси библиографӣ» мураттаб гардад.

Рӯйхати адабиёти истифодашудае, ки муаллиф ба он такя мекунад, дар охири мақола оварда мешавад. Поварақ (ҳам дар дар зери ҳар саҳифа ва ҳам дар охири ҳар мақола) иҷозат дода намешавад.

Ҳамаи мақолаҳо аз системаи «Антиплагиат. ВУЗ» гузаронида мешаванд. Ҳиссаи матни аслӣ набояд аз 70% кам бошад.

Мақолаҳо ва маводи чопӣ ба суроғаи 734012, ш.Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов, 3, тел: +(992) 2262892 ва ё тариқи суроғаҳои интернетии E-mail: tam300986@mail.ru, k.lila-73@mail.ru ирсол карда шаванд.

# П о р я д о к
## ПРИНЯТИЯ МАТЕРИАЛОВ В НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ «ТРУДЫ АКАДЕМИИ МВД РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН»

Статья представляется в Организационно-научный и редакционно-издательский отдел Академии МВД Республики Таджикистан в печатном и/или электроном варианте.

В научном журнале печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований, соответствующие следующим научным специальностям и соответствующим им отраслям науки: 12.00.01 – Теория и история права и государства; история учений о праве и государстве; 12.00.02 – Конституционное право; конституционный судебный процесс; муниципальное право; 12.00.08 – Уголовное право и криминология; уголовно-исполнительное право; 12.00.09 – Уголовный процесс; 12.00.11 – Судебная деятельность, прокурорская деятельность, правозащитная и правоохранительная деятельность; 12.00.12 – Криминалистика; судебно-экспертная деятельность; оперативно-розыскная деятельность.

Статья и печатные материалы должны быть снабжены аннотациями, ключевыми словами и списком литературы на таджикском, русском и английском языках.

Название статьи набирается на таджикском, русском и английском языках полужирным шрифтом ЗАГЛАВНЫМИ БУКВАМИ без абзацного отступа и центрируется относительно полосы набора.

К статье должна быть приложены сведения об авторе(ах) на русском, таджикском и английском языках с указанием Ф. И. О., места работы (название организации в именительном падеже), занимаемой должности, учёной степени, учёного звания и полного почтового (служебного и домашнего) адреса, а также адреса электронной почты.

Статья должна быть снабжена фотографией автора(-ов); иметь в названии файла фамилию автора, *например,* Раджабов Н. JPG.

В соответствии с тематикой статьи автором указывается её УДК.

Электронная версия статьи представляется в виде файла MS Word в формате *. doc

Файл должен иметь в названии фамилию автора (-ов), *например,* Раджабов Н. doc, Раджабов-Собиров. doc.

К статье прилагаются следующие документы:

1) выписка из протокола заседания кафедры (при ее наличии по месту работы автора) с рекомендацией к опубликованию;

2) экспертное заключение об отсутствии сведений, запрещенных к опубликованию в открытой печати, заверенное гербовой печатью учреждения;

3) к статье должны быть приложены рецензии от специалиста, имеющего ученую степень доктора или кандидата наук (если автор(ы) статьи является кандидатами наук, соискателями, аспирантами или адъюнктами), подписи рецензентов должны быть заверены кадровым аппаратом по основному месту их работы.

Объем статьи должен быть не менее 5 и не более 20 страниц (для докторов и кандидатов наук) и 12 страниц (для докторантов, адъюнктов, соискателей). Номера страниц не проставляются.

Статья должна быть набрана шрифтом нормальной жирности, прямого начертания гарнитуры Times New Roman или Times New Roman Tj и с одинарным межстрочным интервалом. Абзацный отступ должен быть одинаков и равен 1,25 см.

Кегль (размер) основного шрифта должен быть равен 14 пунктов;

Нумерация ссылок на литературу осуществляется арабскими цифрами в квадратных скобках, *например*: «Как указано К.Х.Солиевым [2, с. 34-40], данный эффект проявляется при …».

Список использованной литературы должен быть оформлен в соответствии с ГОСТ - «Библиографическая ссылка». Список использованной литературы, на которую ссылается автор, приводится в конце статьи. Сноски (как внизу каждой страницы, так и в конце статьи) не допускаются.

Все статьи проверяются через систему «Антиплагиат.ВУЗ». Доля оригинального текста должна быть не менее 70 %.

Статьи и печатные материалы направляются по адресу: 734012, г.Душанбе, ул. М. Мастонгулова, 3, тел: +(992) 226 28 92. E-mail: tam300986@mail.ru, k.lila-73@mail.ru.

**O R D E R**
**ADOPTION OF MATERIALS IN THE SCIENTIFIC JOURNAL**
**«PROCEEDINGS OF THE ACADEMY OF THE MIA OF REPUBLIC OF TAJIKISTAN»**

The article is submitted to the Organizational-Scientific and Editorial-Publishing Department of the Academy of the Ministry of Internal Affairs of the Republic of Tajikistan in printed and / or electronic versions.

The scientific journal publishes articles containing the results of scientific research, corresponding to the following scientific specialties and the branches of science corresponding to them: 12.00.01 - Theory and history of law and the state; history of the doctrine of law and the state; 12.00.02 - Constitutional law; constitutional litigation; municipal law; 12.00.08 - Criminal law and criminology; penal law; 12.00.09 - Criminal procedure; 12.00.11 - Judicial activities, prosecution activities, human rights and law enforcement; 12.00.12 - Criminalistics; forensic activities; operational search activity.

The article should be provided with annotations, key words and a list of literature in Tajik, Russian and English.

The title of the article is typed in Tajik, Russian and English in bold in CAPITAL LETTERS, with no indentation, and is centered on the dialing line.

The article should contain information about the author (s) in Russian, Tajik and English languages, indicating the name, place of work (name of the organization in the nominative case), position held, academic degree, academic title and full postal and home) addresses, as well as e-mail addresses.

The article should be provided with a photograph of the author (s); To have in the title of the file the author's surname, for example: Radzhabov N. JPG.

In accordance with the subject matter of the article, the author indicates her UDC.

The electronic version of the article is presented as a MS Word file in *. doc

The file should have the name of the author (s) in the title, for example: Radzhabov N. doc, Radzhabov-Sobirov. doc.

The following accompanying documents are attached to the article:

1) an extract from the minutes of the meeting of the department (if available at the author's place of work) with a recommendation for publication;

2) an expert opinion on the absence of information prohibited for publication in the open press, certified by the stamp of the institution;

3) reviews should be attached to the article from a specialist who holds a doctorate or candidate of science degree (if the author (s) of the article are candidates of science, candidates, graduate students or adjuncts), the signatures of reviewers must be certified by the personnel at the main place of their work.

The volume of the article should be at least 5 and not more than 20 pages (for doctors and candidates of sciences) and 12 pages (for doctoral students, adjuncts, applicants). The page numbers are not set.

The article should be typed in the font of normal fat content, the direct outline of a Times New Roman or Times New Roman Tj headset and with a single line spacing. The indentation should be the same and equal to 1.25 cm.

The size of the main font should be 14 points;

The numbering of references to literature is carried out by Arabic numerals in square brackets, for example: "As indicated by KH Soliev [2, p. 34-40], this effect is manifested when ...".

The bibliography should be made in accordance with GOST - "Bibliographic reference". The list of references used by the author is given at the end of the article. Footnotes (both at the bottom of each page, and at the end of the article) are not allowed.

All articles are checked through the system "Antiplagiat.VUZ". The share of the original text should be at least 70%.

The articles are sent to the following address: 734012, Dushanbe, M. Mastogulov str., 3, tel: + (992) 226 28 92. E-mail: tam300986@mail.ru, k.lila-73@mail.ru.

*734012, ш. Душанбе, кӯчаи М.Мастонгулов, 3*
*Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон*

*734012, г. Душанбе, улица М.Мастонгулова, 3*
*Академия МВД Республики Таджикистан*

*734012, Dushanbe, M.Mastogulov Street, 3*
*Academy of the MIA of the Republic of Tajikistan*

***Phone: + (992 37) 226-28-92***
***Fax: + (992 37) 226-60-43***

Ба матбаа 27.10.2022 таҳвил гардид.
Барои чоп 01.11.2022 ба имзо расид.
Коғази офсетӣ. Андозаи 60х84 $^{1}/_{8}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 28. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 1257
Нархаш шартномавӣ.

Дар Матбааи РТМТ ва Н-и ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааст
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Борбад, 5.

ISSN 2412-141X
9 772412 141008